Дар моҳҳои январ - декабри соли 2023 гардиши моли чакана ва таъмири автомобилҳо ба ҳисоби миёна ба як нафар сокини ҷумҳурӣ 5522,20 сомонӣ рост меояд.

**Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ,** ки дар моҳҳои январ-декабри соли 2023, ки дар ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расонида шудааст 21760,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 14,1 фоиз зиёд шудааст (индекси нарх 102,0 фоизро ташкил додааст).

Аз аввали соли 2023 **индекси нархҳои истеъмолӣ** 103,8 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа – 103,4 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа – 106,6 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 101,2 фоизро ташкил кард.

Аз аввали соли 2023 нархи маҳсулоти хӯрокврии зерин: маҳсулоти гуштӣ 3,8 фоиз (гӯшти гӯсфанд 11,3 фоиз, гӯшти гов 5,7 фоиз, рони мурғ 1,8 фоиз); меваҷот 33,1 фоиз (ангур 2,5 баробар, лимон 2,4 баробар ва банан 8,4 фоиз); шакар 27,6 фоиз, маҳсулоти қанодӣ 11,7 фоиз ва нӯшокиҳои спиртдор 1,0 фоиз қимат шудааст.

Аз аввали соли 2023 индекси нархи молҳои ғайриозуқа 6,6 фоиз қимат шудааст, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи бензин 24,4 фоиз, маснуоти доруворӣ 13,2 фоиз, масолеҳи сохтмонӣ 5,5 фоиз ва пойафзол 3,1 фоиз ба қайд гирифта шудааст.

Аз аввали соли 2023 нарху таърифаи хизмати пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, умуман 1,2 фоиз қимат шудааст, ки асосан аз ҳисоби болоравии арзиши пардохти гази моеъ 27,2 фоиз ва хизматрасониҳои маишӣ 4,9 фоиз ба қайд гирифта шудааст.

**Шумораи қувваҳои корӣ** (аҳолии машғули кор ва бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда) аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи ноябри соли 2023-юм 2676,6 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ҷумлаи онҳо 2627,2 ҳазор нафар (98,2 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 49,4 ҳазор нафар расмӣ мақоми бекорро гирифтаанд, ки 1,8 фоизи шумораи қувваҳои кориро ташкил медиҳанд.

Шумораи бекорони дар Агентиҳои меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ ба қайд гирифташуда дар охири моҳи ноябри соли 2023-юм 49,4 ҳазор нафарро ташкил карда, нисбат ба моҳи ноябри соли 2022-юм 12,1 фоиз кам шудааст. Аз ҷумлаи бекорони бақайд гирифташуда занон 47,2 фоиз (23,3 ҳазор нафар). Сатҳи бекории расмӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи қувваҳои корӣ 1,8 фоизро ташкил кардааст.

**Музди миёнаи ҳармоҳаи** номиналии меҳнат, ки ба кормандони кироякор пардохта шудааст, дар моҳи ноябри соли 2023-юм 2108,26 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи октябри соли 2023-юм 2,0 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи ноябри соли 2022-юм 11,2 фоиз зиёд шудааст.

Музди ҳадди ақал 600 сомониро ташкил медиҳад.

Дараҷаи музди ҳақиқии меҳнат (бо назардошти тағйироти индекси нархҳо) дар моҳи ноябри соли 2023 нисбат ба моҳи октябри соли 2023-юм 2,2 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи ноябри соли 2022-юм 7,2 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2023 **гардиши савдои хориҷии** Ҷумҳурии Тоҷикистон 8328,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 13,9 фоиз ё 1019,4 млн. доллар зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 содироти мол 2448,8 млн. долларро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 14,3 фоиз ё 306,8 млн. доллар зиёд шудааст.

**Воридоти мол** ба ҷумҳурӣ 5880,1 млн. долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2022-юм 13,8 фоиз ё 712,6 млн. доллар зиёд мебошад.

Оид ба содирот шарикони асосӣ инҳоянд: Швейтсария 46,5 фоизи ҳаҷми умумии содирот, Чин – 12,8 фоиз, Қазоқистон- 10,4 фоиз, Туркия – 6,8 фоиз, Русия – 5,5 фоиз, Ӯзбекистон – 6,2 фоиз, Эрон – 4,1 фоиз, Афғонистон – 3,8 фоиз, АМА – 1,0 фоиз ва ғайраҳо.

Воридоти мол асосан аз мамлакатҳои зерин сурат гирифтааст: Русия – 26,9 фоиз аз ҳаҷми умумии воридот, Чин – 20,2 фоиз, Қазоқистон – 15,2 фоиз, Ӯзбекистон – 6,0 фоиз, Туркия ва ИМА – 3,4 фоизӣ, Олмон, Швейтсария ва Ҷопон – 3,1 фоизӣ, Эрон – 2,6 фоиз, Ҳиндустон – 1,3 фоиз, Беларус – 1,5 фоиз, Ҷумҳурии Корея – 2,0 фоиз ва ғайраҳо.

Дар **амалиёти савдои хориҷӣ** афзоиши бештари содирот нисбат ба воридот бо Швейтсария (1139,7 млн. доллар), Афғонистон (93,7 млн.доллар), Сингапур (10,3 млн. доллар), Ҷазираҳои Вирҷин (13,4 млн. доллар), Хорватия (4,8 млн. доллар) ва Ироқ (1,2 млн. доллар) мушоҳида шудааст.

Тибқи маълумоти расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 ба ҷумҳурӣ 61 мамлакати хориҷи дуру наздик ба маблағи 94868,6 ҳазор доллар ё 23024,1 тонна ёрии башардӯстона расондаанд.

Аз ҷумлаи мамлакатҳои ёрирасон таносуби бештар аз рӯи арзиши ёрии башардӯстона ба Чин – 30,6 фоиз, ИМА – 26,2 фоиз, Белгия – 9,3 фоиз, Русия – 4,8 фоиз, Қазокистон – 2,0 фоиз, Туркия – 1,4 фоиз, Ҳиндустон – 3,0 фоиз, Дания – 2,4 фоиз, Олмон – 2,8 фоиз, Ҷумҳурии Корея ва Фаронса – 1,3 фоизӣ ва ғайраҳо рост меояд.

**Агентии омори назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон**
**734025, Тоҷикистон, Душанбе, Бохтар, 17**
**E-mail: stat@tojikiston.com http://www.stat.tj**
**тел: (992 37) 223-02-45, факс: (992 37) 221-43-75**

TAJSTAT

# ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МОҲҲОИ ЯНВАР- ДЕКАБРИ СОЛИ 2023

**2024**




**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саноат.** Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 корхонаҳои саноатӣ якҷо бо соҳибкорони хусусӣ ба маблағи 46815,5 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2022-юм (бо нархҳои муқоисавӣ) 12,0 фоиз афзудааст.

Омили асосии рушди суръати соҳаи саноат асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ – 11,7 фоиз, саноати коркард – 12,3 фоиз, таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво – 20,9 фоиз ба амал омадааст.

Дар **саноати истихроҷи** маъдан дар моҳҳои январ - декабри соли 2023 ба маблағи 9372,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба моҳҳои январ- декабри соли 2022-юм бо нархҳои муқоисавӣ 11,7 фоиз зиёд шудааст.

Афзоиши суръати рушди саноати истихроҷи маъдан аз рӯи намудҳои маҳсулотҳои истеҳсолӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби маъданҳои филизӣ 13,2 фоиз, ангишти санг ва бур – 2,7 фоиз, харгуна канданиҳои фоиданок – 11,7 фоиз мушоҳида мегардад.

Ҳаҷми истеҳсолот дар **саноати коркард** дар моҳҳои январ- декабри соли 2023–юм 28459,8 млн. сомонӣ, аз он маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 11609,6 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 4632,3 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулот аз чӯб ва қоғаз, фаъолияти табъу нашр 619,1 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 85,2 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ 557,1 млн. сомонӣ, харгуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ 3642,3 млн. сомонӣ, истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 6441,5 млн. сомониро ташкил дод. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ умуман дар соҳаи коркард 12,3 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ- декабри соли **2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ** якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 27,0 фоиз зиёд шуд, ки он аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ – 30,2 фоиз, арақ ва маҳсулоти ликёру арақ – 16,8 фоиз, нушокиҳои беспиртӣ –31,1 фоиз ва ғайраҳо ба вуҷуд омадааст.

Дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 10,4 фоиз зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби зиёдшавии истеҳсоли ресмони пахтагин (калоба) – 8,2 фоиз, газворҳои абрешим (атлас) – 30,5 фоиз, матоъи адрас-1,9 баробар ва гайраҳо мушоҳида мегардад.

**Ҳаҷми истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва тозакунии ҳаво** дар моҳҳои январ – декабри соли 2023–юм 8754,5 млн. сомониро ташкил кард, рушди истеҳсолот аз рӯи намуди фаъолияти мазкур ба 107,0 фоиз баробар шуд.

**Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ** дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 63028,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм бо нархҳои муқоисавӣ- 9,0 фоиз зиёд мебошад, аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 43365,7 млн. сомонӣ ё ки 6,8 фоиз ва чорвопарварӣ 19662,7 млн. сомонӣ ё 14,1 фоиз зиёд аст.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2023 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ -1754886 тонна ғалладонагиҳо (аз ҷумла гандум 860815 тонна), 344350 тонна пахта, 1144882 тонна картошка, 3026196 тонна сабзавот (аз ҷумла пиёз 779802 тонна), 1009915 тонна полизӣ, 664343 тонна мевагиҳо (аз ҷумла 227147 тонна себ ва 239970 тонна зардолу), ангур 190376 тонна ва хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока 1839999 тонна истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 4,6 фоиз картошка, 11,5 фоиз сабзавот, 19,9 фоиз полизӣ, 29,7 фоиз мевагиҳо (аз ҷумла: себ 13,7 фоиз ва зардолу 2,0 баробар) ва 5,0 фоиз хӯроки чорво зиёд шуда, истеҳсоли пахта 14,9 фоиз ва ангур 36,8 фоиз кам шудааст.

То 1 январи соли 2024 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо саршумори чорвои калони шохдор 2662,0 ҳазор сарро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108,1 ҳазор сар ё 4,2 фоиз зиёд аст. Дар ҳамин давра саршумори гӯсфанду буз 6660,2 ҳазор сарро ташкил дода, 343,0 ҳазор сар ё 5,4 фоиз афзуд. Аз саршумори умумӣ 93,4 фоизи саршумори чорвои калони шохдор ва 82,1 фоизи саршумори гӯсфанду буз ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 ҳаҷми **истеҳсоли гӯшти чорвои калон** ва майда (дар вазни зинда) дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 342685 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 14,0 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми **истеҳсоли шир** дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар моҳҳои январ – декабри соли 2023-юм 1118536 тоннаро ташкил намуд,ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 5,1 фоиз зиёд мебошад. Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 ба микдори 1223698 ҳаз. дона тухм истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 – юм 1,0 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми **истеҳсоли пашм** 8755,4 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 4,5 фоиз зиёд аст. Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли пилла 223,2 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 43,2 фоиз кам мебошад. Ҳаҷми **истеҳсоли асал** дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 4697,2 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,9 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли **маҳсулоти моҳипарварӣ** дар моҳҳои январ – декабри соли 2023-юм 132,6 млн. сомониро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,0 фоиз зиёд аст.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2023 дар хоҷагиҳои моҳипарварии ҷумҳурӣ сайди моҳӣ 5454,4 тоннаро ташкил намуд.

**Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 сармоягузорӣ** ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 19859,0 млн. сомонӣ истифода карда шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ- декабри соли 2022-юм 122,5 фоизро (бо нархҳои муқоисавӣ) ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 ба масоҳати умумии 1737,0 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 102,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 бо ҳамаи **намудҳои нақлиёт** 120576,1 ҳазор тонна бор кашонда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16,6 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2023 **бо нақлиёти автомобилии** ҳамаи вазорату идораҳо, корхонаву ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият, ки нақлиёти автомобилӣ доранд ва инчунин бо нақлиёти автомобилии шахсони воқеӣ, ки ба боркашонии тиҷоратӣ машғуланд, 114124,1 ҳазор тонна бор кашонида шуд, ки 94,6 фоизи ҳаҷми умумии боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад.

**Ҳаҷми боркашонӣ** бо нақлиёти автомобилӣ нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2022-юм 17,2 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 бо нақлиёти роҳи оҳан (бо назардошти молборкунӣ, молфарорӣ ва интиқоли борҳои транзитӣ) 6451,0 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2022-юм 6,2 фоиз зиёд шудааст.

**Гардиши бор** бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 дар ҳаҷми 12122,1 млн. т.км ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2022-юм 17,5 фоиз зиёд шудааст.

Бо ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофиркашонӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2023-юм 899305,5 ҳаз. нафар мусофир кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2022-юм 9,8 фоиз зиёд аст. Мусофиркашонӣ бо нақлиёти хушкигард дар ҷумҳурӣ ҷои асосиро ишғол менамояд, ки таносуби он 99,9 фоизи ҳаҷми умумии мусофиркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад.

Бо **нақлиёти роҳи оҳан** 456,1 ҳазор мусофир (нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2022-юм 100,0 фоиз) ва бо нақлиёти ҳавоӣ 782,1 ҳазор мусофир (нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2022-юм 145,4 фоиз) мусофир кашонда шудааст.

**Гардиши мусофирон** бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ - декабри соли 2023-юм 11625,8 млн. мусофир км-ро ташкил кард, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2022-юм 17,3 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 ҳаҷми **гардиши савдои яклухт, чакана ва таъмири автомобилҳо** 56124,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2022 - юм бо нархҳои муқоисавӣ 13,4 фоиз зиёд шудааст.

Дар ҳаҷми умумии фурӯши молҳои озуқаворӣ таносуби бештар аз рӯи арзиш ба гӯшт ва маснуоти гӯштӣ (15,5 фоиз), нон ва маҳсулоти нонӣ (17,5 фоиз), қанду шакар ва маснуоти қаннодӣ (4,9 фоиз), сабзавот ва картошка (5,3 фоиз) ва равғани растанӣ (4,4 фоиз) афзалият доранд. Аз молҳои ғайриозуқаворӣ таносуби бештар ба маводҳои бинокорӣ (29,1 фоиз), маҳсулоти нафтӣ (11,4 фоиз), автомобилҳо ва қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо (9,6 фоиз), газворҳо (8,8 фоиз), асбобҳои барқӣ (4,6 фоиз) ва ғайраҳо рост меояд.